# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Каримов Аслам Азамжонович дар мавзуи «Масоили ҳастишиносӣ дар фалсафаи машшоияи шарқӣ ва таълимоти тасаввуфии тоҷику форс дар асрҳои X-XII (таҳлили муқоисавӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03. – Таърихи фалсафа пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи пешниҳодшуда ба яке аз муҳимтарин масоили таърихи фалсафаи миллӣ — масъалаҳои ҳастишиносӣ ва таҳлили муқоисавӣ дар ду равияи калидӣ, яъне равияҳои машшоияи шарқӣ ва тасаввуфи тоҷику форс дар асрҳои X–XII бахшида шудааст. Муаллиф бо такя ба мероси гаронбаҳои Ибни Сино ва Мустамлии Бухорӣ ва истифодаи манобеи аслӣ, саъй намудааст, ки ҷанбаҳои умумӣ ва ихтилофоти ин ду равияи назариро равшан созад. Мавзуъ дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ буда, ҳам дар заминаи омӯзиши таърихи афкори фалсафии тоҷикон ва ҳам барои таҳкими асосҳои маънавии ҷомеаи муосир арзиши муҳим дорад.

Дар кори диссертатсионӣ муаллиф манбаъҳои аслии фалсафӣ ва ирфониро (осори Ибни Сино ва Мустамлӣ) истифода бурдааст, бо такя ба мантиқ, герменевтика ва усулҳои муқоисавӣ, масъалаҳои калидӣ — ҳастӣ ва моҳият, воҷибу мумкин, инсон ва ҷаҳон, Худо ва олам, вақт ва ҳаракатро мавриди баррасӣ қарор додааст, ирфонро ҳам ҳамчун таҷрибаи ботинии сӯфия ва ҳам ҳамчун шакли маърифати фалсафӣ таҳлил намудааст, бори нахуст масоили ирратсионалӣ ва таҷрибавии тасаввуфро бо низоми мантиқию бурҳонии машшоия муқоиса кардааст.

Муаллиф ба хулосае меояд, ки мактаби машшоия ва тасаввуф бо вуҷуди ихтилоф дар усул, дар масъалаи ҷустуҷӯи ҳақиқат ва камолоти маънавии инсон ба ҳам наздик мегарданд.

Дар таҳқиқот чанд нуктаи арзишманди нав пешниҳод шудаанд:

1. таҳлили муқоисавии муфассал миёни Ибни Сино ва Мустамлӣ дар заминаи шинохти масъалаҳои ҳастишиносӣ;
2. ошкор кардани ирфон ҳамчун шакли маърифати ақлонӣ дар асарҳои Ибни Сино (тафсири асарҳои рамзӣ — «Ҳай бинни Якзон», «Саломон ва Абсол»);
3. бозгӯии ирфон ҳамчун таҷрибаи шаръию риёзатии сӯфиён дар таълимоти Мустамлӣ;
4. муайян кардани робитаи диалектикии ду равия, ки ба ташаккули тафаккури мантиқӣ ва фарҳанги маънавии тоҷикон таъсир расондааст.

Ҳарчанд кори пешниҳодшуда арзишманд аст, чанд ҷиҳат ниёз ба такмил доранд:

1. Оид ба услуб. Ибораи“файласуфону ходимони фарҳангҳои халқи тоҷик (эронӣ)” – беҳтараш *файласуфону ходимони фарҳангии халқи тоҷик (эронӣ) оварда шавад*.(с.3)

2. “фалсафаи машшоия ва таълимоти теософии аҳли тасаввуф, ки дар баъзе маврид боиси инкишофи тафаккури мантиқӣ гардидаанд ва вобаста ба ин мақом...” – ҷумла хеле тӯлонӣ ва нофаҳмо шудааст; беҳтараш ба ду ҷумла тақсим шавад.(С.16)

Ин камбудиҳо ҷузъӣ ва ислоҳшавандаанд ва ба муҳтавои асосии таҳқиқоти илмӣ халал ворид намекунанд.

Автореферат ва хулосаҳои илмии диссертатсия пурра ба талаботи ихтисоси 09.00.03 - Таърихи фалсафа ҷавобгӯянд. Автореферат аз ҷиҳати таҳлили манбаъшиносӣ, методологияи тадкикот ва бардошти назариявӣ қобили эътимод аст. Муаллиф бо тавони илмӣ масъалаи душвор ва мураккаби фалсафиро рӯшан намудааст ва рисолаи пешниҳодшуда метавонад саҳми арзанда дар рушди фалсафаи миллӣ бошад.

Хулоса, бо дарназардошти гуфтаҳои боло, метавон таъкид кард, ки диссертатсияи Каримов Аслам Азамжонович кори арзишманди илмӣ буда, дорои сатҳи баланд ва аҳаммияти назариявию амалӣ мебошад. Он сазовори ҳимоя аст ва ба муаллиф дараҷаи илмии **доктори илмҳои фалсафа** дода шавад.

**Тақриздиҳанда:**
**доктори илмҳои фалсафа,**
**профессори кафедраи**
**ҷомеашиносии ДИС ДДТТ** ____________ **Солиҷонов Р.**

**Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**вилояти Суғд, н.Ҷ.Расулов, шаҳраки Меҳробод,**
**к.Бойматов ,13/5**
**Тел.: (+992) 91-516-36-00;**
**E-mail: filosof_doctor@mail.ru**

**Имзои Солиҷонов Расулҷонро тасдиқ мекунам.**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДИС ДДТТ** ____________ **Маҳмудов Ш.У.**

Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд» * Шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус

17.09.2025

**Суроғаи муассиса:**
**735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**шаҳри Хуҷанд,хиёбони Исмоили Сомонӣ, 169**
**Тел.: (+992) 92-759-22-00; 83422 6-03-21**
**E-mail: info@iet.tj**